Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Собирова Назира Солиҷоновна дар мавзуи “Ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст.

Унвонҷӯ Собирова Назира Солиҷоновна дар кори таҳқиқотии худ ба яке аз масъалаҳои мубрам таваҷҷуҳ намуда, ба баланд бардории сифати таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар муассисаҳои таълимии Тоҷикистон пажуҳиш намудааст. Таҳқиқотчӣ Собирова Н.С ба мавзуи «Ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик», кори таҳқиқотӣ гузаронида, масъалаи мазкурро ба таври муфассал таҳқиқнамудааст. Рисола аз муқаддима, ду боб, хулоса, натиҷаҳо, тавсияҳо, руйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат мебошад.

Низоми таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ боиси фароҳам овардани истифодаи технологияҳои навин дар ҷараёни таълим ва роҳҳои ташаккул додани малакаҳои донишазхудкунии хонандагон гаштааст. Ин низом ба омӯзгорони фаннии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ имкон медиҳад, ки роҳу воситаҳои дар хонандагон ташаккул додани тарбияи рафтори иҷтимоиро дарёфт намоянд ва барои рушд ёфтани он кӯшиш ба харҷ диҳанд. Низоми муосири педагогии тарбияи рафтори иҷтимоии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҳама давру замон характери ягона надорад, балки вобаста ба тараққиёти илму техника ва технологияҳои муосири таълим мавқеи худро тағйир хоҳад дод.

Имрӯз яке аз омили муҳим дарки масоили ташаккул ва рушди сифати иҷтимоишавӣ, ташаккули фарҳанги шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ ва махсусан рафтори иҷтимоии хонандагон ба ҳисоб меравад. Ташаккули тарбияи рафтори иҷтимоии хонандагон дар машғулиятҳо ва фаъолиятҳои беруназсинфӣ имкониятҳои васеи зоҳиршавии қобилиятҳои шахсии онҳоро фароҳам оварда, барои дар оянда пайдо кардани ҷойгоҳ ва мақоми муносиб дар ҷомеа ва ифодаи мавқеи инсонгароёнаашон шароити мусоид фароҳам меорад.

Таҳқиқоти Собирова Назира Солиҷоновна дар мавзуи “Ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик” ба ҳамин масъалаи басо муҳиму мубрами рӯз бахшида шудааст.

Муаллиф дар коркарди рисолаи илмии худ аз сарчашмаҳои фаровони илмиву адабӣ ва махсусан таърихӣ истифода намуда, дар асоси хулосаҳои дақиқи илмӣ нақши назариву амалии мавзуи мавриди таҳқиқро дар раванди таълими хонандагони синфҳои ибтидоӣ муфассал баён намуда, навгониҳои арзиши баланди илмидоштаро пешниҳод намудааст.

Қобили қайд аст, ки андешаҳои назарии муаллиф дар пойгоҳи озмоишҳои педагогӣ мавриди омӯзиш усанҷиш қарор гирифта, натиҷаҳои бадастомада мунсифона мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст ва хулосаҳои амиқи ҳаматарафа санҷидашудаву исботшуда ба даст омадааст, ки эътимоди таҳқиқотро тақвият додааст.

Рисолаи мазкур, тавре, ки аз мутоилааш бармеояд аз муқаддима, ду бобҳо, шаш васлҳо, хулосаи бобҳои алоҳида, хулосаи умумӣ ва феҳристи адабиёти мавриди таҳқиқ иборат аст.

Муаллифи рисола дар муқаддима оид ба мубрамияти масъалаи мазкур, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои тадқиқот, усули пажӯҳиш навовариҳои он, аҳамияти назариву амалии рисола, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркарду татбиқи натиҷаҳои корро мулоҳизаронӣ кардааст.

Боби якуми рисола, ки “Асосҳои методологӣ ва назариявии ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик” номгузорӣ шудааст, фарогири се зербахшҳо буда, дар ҳар яки он муаллиф роҷеъ ба масоили зайл: тавсифи “тавсифи шахсияти хонандагони хурдсол”, “моҳият, сохтор ва мундариҷаи мафҳуми рафтори иҷтимоӣ ва махсусияти он дар рафти кор бо хонандагони хурдсол” “шартҳои педагогӣ ва омилҳои ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол” андешарониҳо намудааст.

Дар боби дуюми пажӯҳиш “Технологияи педагогии ташаккули рафтoрииҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик” ном дошта, Собирова Н.С. дар бахшҳои алоҳидаи онп еромуни масоиле чун: таъсири арзишҳои миллии халқи тоҷик ба ташаккули рафтори шаҳрвандӣ-ватанпарваронаи хонандагони хурдсол, дидгоҳи этнопедагогикаи халқи тоҷик дар ташаккули таҳаммулпазирии хонандагони хурдсол, самаранокии ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагон тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷикро ба риштаи таҳлил кашидааст.

Дар бахшҳои боби мазкур муаллиф дар хусуси амалӣ гардонидани низоми нави тарбия тарбияи рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол дар сурати мавҷудияти омодагии назариявию амалӣ оид ба педагогикаи муосир; доир ба омода кардани омӯзгорони оянда барои татбиқи

тарбияи рафтори иҷтимоӣ дар раванди таълими хонандагони хурдсол назари худро иброз дошта, таъкид менамояд, ки барои ташаккул додани тарбияи рафтори иҷтимоии хонандагон тавассти анъанаҳои миллии халқи тоҷик ҳадафи умумии низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Бояд гуфт, ки автореферат аз ҷиҳати масъалагузорӣ, ҳалли масоили марбут ба тарбияи ҷамъиятии хонандагони хурдсол банду баст ва хулосаҳои амиқи илмӣ пухта кор карда шудааст.

Дар умум, автореферати диссертатсияи Собирова Назира Солиҷоновна ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Муқарриз:
Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори Донишгоҳи давлатии тиббии
Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино Юлдошев У.Р.

Имзои У.Р. Юлдошев -ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати рушди кадрии
Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон
ба номи Абуалӣ ибни Сино Сафаров Б.И.